*ТДУ 373*
*ТКБ74.200*

# *ДОИР БА БАЪЗЕ ТАМОЮЛҲОИ АРЗИШИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РОҲИ ТАРБИЯИ ФАЪОЛНОКИИ ҶАМЪИЯТӢ*

***Собирова Назира Солиҷоновна,*** *унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *О НЕКОТОРЫХ ЦЕННЫХ ТЕНДЕНЦИЯХ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ НА ПУТИ К ОБУЧЕНИЮ ОБЩЕСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ*

***Собирова Назира Солиджоновна,*** *соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *ON CERTAIN VALUABLE TENDENCIES OF ELEMENTARY SCHOOL STUDENTS ON THE WAY TO LEARNING PUBLIC ACTIVITIES*

***Sobirova Nazira Solijonovna,*** *applicant of the department of social and professional pedagogy under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*
***Email:*** *sobiri.n@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *арзишнокӣ, зеҳн, тамоюл, рушди тафаккур, навгонӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, шахсият,дониш,фаъолияти фикрӣ,омӯзгор, бозиҳои дидактикӣ*

*Дар мақола зарурати тавсеаи гароиши арзишии насли наврас аз нигоҳи педагогӣ ва психологӣ асоснок карда шуда, мушкилот ва гароишҳои омӯзиши хонандагон дар мактаби муосир дар баланд бардоштани арзишмандӣ, рушди зеҳнӣ дар ташаккули тамоюли арзишмандӣ зоҳир мегардад, таҳлил карда шудааст. Ҳамчунин талаботи раванди педагогии ба шахсият нигаронида имкон медиҳад, то арзишҳои ягонаи инкишоф ва худинкишофи шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон дода шудааст. Қайд мешавад, ки самтҳои баррасии тамоюлҳои арзишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар роҳи тарбияи фаъолнокии ҷамъиятӣ, зуҳури фаъолнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ махсусияти худро дорад, ки бо марҳилаи ибтидоии воридшавии кӯдакон ба низоми нави муносибат, низоми ангезаҳо, бозиҳои дидактикӣ ба рушди фаъолнокии иҷтимоии насли наврас равона кардааст.*

***Ключевые слова:*** *ценность, интеллект, тенденции, развитие мышления, новаторство, творческие способности, личность, знания, интеллектуальная деятельность, учитель, дидактические игры*

*В статье обосновывается необходимость развития ценностных тенденций подрастающего поколения с педагогической и психологической точек зрения, анализируются проблемы и тенденции воспитания учащихся в современной школе относительно повышения ценностного, умственного развития в формировании ценностных тенденций. Автор также подчеркивает требования педагогического процесса, ориентированного на личность, чтобы показать уникальные ценности личностного развития и саморазвития младших школьников. Учет ценностных тенденций младших школьников на пути воспитания социальной активности, проявление социальной активности младших школьников имеют свои особенности, направленные на развитие социальной активности подрастающего поколения.*

***Key-words****: value, intelligence, tendencies, development of thinking, innovation, creativity, personality, knowledge, intellectual activity, teacher, didactic games*

*The article substantiates the necessity of valuable tendencies development of the younger generation from a pedagogical and psychological point of view and analyzes the problems and tendenciesbeset with educating students in a modern school in order to increase value, mental development in the relevant trends formation. The author lays an emphasis upon the idea of requirements of a personality-centered pedagogical process in order to show the unique values of personal development and self-development of younger students. The streamlines of valuable tendencies of younger schoolchildren on the way of education of social activity, manifestations of social activity of younger schoolchildren have their own characteristics aimed at development of social activity of the younger generation being taken into consideration as well.*

Мафҳум дар бораи арзишҳои шахсиятӣ муҳимтарини пояи назариявию методологии ҷудо кардани таркиби фаъолнокии ҷамъиятии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Арзишмандӣ, ба назари мо, ташкили равоние мебошад, ки алоқаи мутақобила ва ягонагии

соҳаи фаъолият, ин ё он паҳлӯи барои инсон муҳим ва тарзҳои идрок, ҷудо кардан ва тасдиқ намудани худ, мани худро дар низоми муносибат бо атрофиён ифода мекунад. Арзишмандӣ механизми ибтидоӣ ва зарурии равониест, ки саъю кӯшиш ва самтияти инсонро ба худтатбиққунии ниҳоӣ дар он соҳаи фаъолият, ки барои ӯ муҳим ҳисоб мешавад, машрут месозад. Арзишмандӣ ҳамчун ташкилаи равонӣ дар тамоюлҳои арзишӣ зоҳир мегардад, ки чун омили низомсози худинкишофёбии шахсият баррасӣ мегардад. Тавре, ки И.В. Дубровина таъкид менамояд: "Ҷидду ҷаҳди инсон ба ҷустуҷӯ ва татбиқи маънии ҳаёти худ тамоюли арзишии фикрӣ аст, ки ба ҳамаи одамон хос аст ва муҳаррики асосии рафтор ва рушди шахсият мебошад" [3, с. 29].

Талаботи раванди педагогии ба шахсият нигаронида имкон медиҳад, то арзишҳои ягонаи инкишоф ва худинкишофи шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷудо карда шаванд. Байни тамоюлҳои арзишии барои хонандагони муосир муҳимтарин муҳаққиқон (А.В. Зосимовский, В.А.Кан-Калик, В.А. Петровский и др.) муҳаббат, озодӣ, маданият, виҷдон, ҳаёт, зебоӣ, инсон ва муоширатро таъкид намудаанд. Масалан В.Г. Казанская зимни таҳқиқи масъалаи тамоюли мактабиён ба арзишҳои муҳими иҷтимоӣ муқаррар намудааст, ки раванди тамоюли хонандагон ба арзишҳои умумиинсонӣ раванди душвор, пурихтилоф ва дар як вақт табиӣ буда, барои ташаккули минбаъдаи шахсияти онҳо замина фароҳам меорад ва то ҷое сабаби худҳаракати онҳо мегардад» [4, с.516].

Ба худхосии мавқеи ботинии кӯдаки синну соли мактаби ибтидоиро, на танҳо тағйироти талабот, балки дигаргуншавии соҳаи ангезишӣ мекунад, ки ҳамчун қисми муҳими сохтории фаъолнокии ҷамъиятӣ зоҳир мегардад.

Дар натиҷаи пажӯҳишҳои сершумор маълум гардидааст, ки ҳангоми мактабравӣ дар кӯдак як қатор ангезишҳои нави пеш аз ҳама бо фаъолияти нави пешбар – илмомӯзӣ алоқамананд пайдо мешавад, яъне дар ин давра ангезаи маърифатӣ ташаккул меёбад. Бинобар ҳамин синну соли хурди мактабӣ бо озодии бештари рафтор тавсиф мегардад, ки бо пайдо шудани зинаҳои ахлоқии ботинӣ ва асосҳои аввалини масъулият алоқаманд аст.

Зуҳури фаъолнокии ҷамъиятии мактабиёнро низоми ангезаҳои зерин муайян менамояд:

- ангезаҳои худмуайянкунӣ ва худтатбиққунӣ дар гурӯҳҳои ҷамъиятии гуногун (мактаб, синф, гурӯҳи ғайрирасмӣ, саҳни бино, кӯча ва ғайра), ки онҳоро ангезаҳои васеи ҷамъиятӣ меноманд;
- ангезаҳои эътибори шахсӣ, ки ба кӯшиши ишғоли мавқеи муайян дар ҷомеа равона гардидааст ва ангезаи худтакмилдиҳӣ ба ҳамин ҷидду ҷаҳд асос меёбад;
- ангезаҳои муваффақияти шахсятӣ, ки ба татбиқи талаботи худифодакунӣ равона карда шудаанд;
- маърифатӣ, ки ба қонеъ намудани талаботи маърифатӣ равона гардидааст;
- фардӣ, ки бо ҳалли ихтилофҳое равона гардидаанд, бо сабаби ноҳамоҳангии таҷрибаи фардӣ, ангезаҳои ботинӣ, меъёр ва қоидаҳои иҷтимоию педагогии беруна ба миён меоянд;
- мақсадҳои ахлоқӣ (мақсади қарз, мақсади маънавӣ).

Таҳқиқоти А.В. Запорожетс ва Л.С.Славина исбот намудааст, ки гуногуншаклии муносибатҳои талабаи мактаби ибтидоӣ бо воқеияти атроф бо навъи ангезаи ба ҳам алоқаманд, вале пайдоишашон мухталиф муайян мекунад [4, с.402].

Ба гурӯҳи аввал У.И.Рогов ангезаҳоеро дохил намудааст, ки онҳоро тамоми низоми муносибатҳои мавҷудаи байни кӯдаку воқеияти ӯро иҳотанамуда ба вуҷуд меорад. Ин ангезаҳои ҷамъиятӣ пеш аз ҳама аз вазъи ҳаёти кӯдак дар оила, мавқеи ӯ дар мактаб, мавқеи ботинии ӯ нисбат ба мактаб вобастаанд; дар худ он кӯшиш ва талаботи кӯдакро таҷассум менамоянд, ки аз маҷмӯи вазъияти ҳаёти ӯ бар меоянд ва бо самтгирии асосии шахсияти ӯ алоқаманд ҳастанд [10, с.42].

Тавре мушоҳидаҳои мо нишон доданд ангезаҳои ҷамъиятӣ хусусиятҳои гуногун дошта метавонанд: кӯшиши талабаи хурдсолро барои сазовор шудан ба таҳсин ва таваҷҷӯҳи омӯзгор, волидайн, ба даст овардани обрӯ ва эътибор байни рафиқон, ба худ таъмин кардани мақоми муносиб. Чунин ангезаҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси шаклҳои зуҳури фаъолнокии ҷамъиятӣ, намудҳои мухталифи фаъолияти гуногуни кӯдакони синни хурди мактабиро фаро мегиранд, зеро ҳар як фаъолияти ҷиддии кӯдак ҳам барои ҷамъият ва ҳам барои худи ӯ аҳамияти иҷтимоӣ дорад. Азбаски таълим фаъолияти асосии талабаи хурдсол мебошад, ин ангезаҳо дар он баръало зоҳир гардида, арзиши бештар пайдо мекунанд, аз ин лиҳоз дар низоми муносибатҳои кӯдак мавқеи марказӣ доранд.

Гурӯҳи дуюми ангезаҳо ба андешаи Л.И. Божович, ангезаҳоеро дар бар мегирад, ки

бевосита аз худи фаъолияти таълимӣ сар задаанд. Ба ин гурух шавқу рағбати гуногуни маърифатӣ дохил мешаванд, ки қонеъ гардонидани онҳо аз кӯдак саъю кӯшиши меҳнатӣ, фаъолияти зеҳнии пуршиддат, рафъи мушкилиҳоро тақозо мекунад. Аҳамияти ангезаҳои мазкурро дар фаъолияти таълимӣ он нукта муайян мекунад, ки худи раванди азхудкунии дониш низ ба мундариҷаи фаъолнокии иҷтимоии хонандаи хурдсол ҷавобгӯ аст, зеро азхудкунии дониш на танҳо доираи дониши онҳоро васеъ мекунад, ақли онҳоро бо омӯзиши далелҳои илмӣ ва қонуниятҳо бой мегардонад, балки ба ин васила талабаи хурдсолро узви муфиди эҳтимолии ҷамъиятӣ мегардонад [1, с.116].

Ғайр аз ин ангеза худтакмилдиҳӣ низ дар ташаккули шахсияти кӯдак ангезаи муҳим аст. Мавриди таъкид аст, ки ангезаҳои худтакмилдиҳӣ ва худмуайянкунӣ барои хонандаи хурдсол ба сифати «даркшаванда» баромад намуда, бо мақсадҳои дури онҳо алоқаманд мебошанд. Вале ин хусусият ба ояндаи хеле дур мутаалиқ аст, хонандаи хурдсол бошад бештар бо андешаи ҳаминрӯза зиндагӣ дорад. Дар иртибот бо он таваҷҷӯҳе, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ангезаи худмуайянкунӣ (касби оянда, идомаи таҳсил) ва худтакмилдиҳӣ (доно, закӣ, маданӣ будан) медиҳанд, бояд раванди таълим тавре тартиб дода шавад, ки талаба ба пеш ҳаракат намудани худ, ҳар рӯз ғанӣ гардонидани донишандӯзии худ, ҳаракати худро аз бедонишӣ ба маърифат «мушоҳида кунад». Ин кор дар он ҳолат имконпазир аст, агар талаба ба худ ҳисобот диҳад, ки чиро ӯ медонад ва чиро алҳол намедонад, чиро бояд аз худ намояд, чиро ӯ аз худ мекунад ва дар бораи чӣ ӯ маълумот ҳосил мекунад, кадом тарзҳои корро ӯ ёд гирифтааст ва кадом тарзҳои кор дарси оянда, чоряки оянда аз худ мекунад. Аз ин лиҳоз гузоштани мақсадҳои дақиқ ва вазифаҳои таълим барои ояндаи наздик ва ояндаи дур дар раванди таълим вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Ангезаи вазифашиносӣ яке аз мақсадҳои асосӣ буда, бо тарбияи фаъолнокии иҷтимоии шахсият бевосита алоқаманд аст. Ба андешаи Л.И. Божович, дар синни 6-7 солагӣ дар кӯдак пайдо шудани ба ном «мақомоти ахлоқӣ» сабаби тағйироти сохтории доираи ангезаҳои онҳо мегардад. Тағйироти мазкур боиси ташаккули эҳсоси вазифашиносӣ – ангезаи асосии ахлоқӣ мегардад, ки бевосита кӯдакро ба рафтори мушаххас водор мекунад. Зимнан дар марҳилаи аввали азхудкунии меъёрҳои маънавӣ, ки кӯдакро ба рафтори мушаххас водор менамоянд, таҳсини калонсолонро таъкид намудан ба маврид аст. Кӯшиши ба талаботи калонсолон, ҳамчунин қоидаҳо ва меъёрҳои азхуднамуда муносибат кардани кӯдак дар шакли категорияи ҷамъбастӣ зуҳур мешавад, ки онро ба ибораи «бояд кард» ифода кардан мумкин аст. Маҳз ана ҳамин ҷиҳат аввалин мақоми ахлоқӣ мебошад, ки кӯдак онро ба роҳбарӣ мегирад ва он барои кӯдак натанҳо дониши дахлдор (бояд чунин рафтор кард) балки эҳсоси бевоситаи зарурати маҳз чунин, на ба тарзи дигар амал намудан фароҳам меорад. Ба андешаи муҳақиқи номбурда маҳз дар ҳамин эҳсос дар шакли ибтидоии ҳисси вазифашиносӣ зоҳир мегардад [1].

Барои кӯдак ҳамчун субъекти раванди тарбия зуҳури баъзе махсусиятҳои шахсиятии синнусолӣ хос мебошанд. Кӯдаки хурдсол оламро дар асоси предметӣ-фаъолиятӣ ва эҳсосӣ дарк менамояд. Худсобиткунии кӯдак тадриҷан бо роҳи ҳарчӣ бештар ва ҳаматарафа ворид гардидани ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зоҳир намудани фаъолнокии эҷодӣ, иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва эҳсосотӣ сурат мегирад. Фаъолнокӣ чун хислати шахсият пешбинӣ мекунад, ки талаба субъекти фаъолият гардида, рушди шахсияти худро бо назардошти арзишҳои умумиинсонӣ, талаботи ҷамъиятӣ роҳбарӣ мекунад, бинобар ҳамин фаъолнокӣ ҳамчун ташкилаи шахсятӣ, ҳолати хонанда ва муносибати ӯро ба фаъолият муайян менамояд. Ин вазъият дар руҳияи равонӣ, фаъолияти ӯ ба монанди: диққат, таваҷҷуҳ, равандҳои фикрӣ, шавқу рағбат ба фаъолияти амалинамудаистода, ташаббуси шахсятӣ ва ғайра зоҳир мегардад. Фаъолнокӣ муносибати дигаргунсозандаи субъектро нисбат ба объект пешбинӣ намуда, лаҳзаҳои зеринро дарбар гирифта метавонад: интихобӣ будани тарзи муносибат ба объектҳо; пас аз интихоби объект гузоштани мақсад ва вазифа; дигаргунсозии объект дар рафти фаъолияти минбаъда, ки ба ҳалли муаммо равона гардидааст. Инкишофи фаъолнокии талаба дар тамоми раванди рушди шахсияти ӯ сурат мегирад: аз тазаккурӣ-тақлидӣ тавассути ҷустуҷӯӣ-иҷроишӣ ба дараҷаи эҷодӣ. Тағйироти назаррас дар фаъолнокию фаъолият ва рушди шахсият бошад дар ҳолати фаъолнокӣ зоҳир мегардад. Агар фаъолият ягонагии хусусиятҳои шахсиятии объекту субъект бошад, пас фаъолнокӣ ҳамчун субъекти фаъолият на худи фаъолият, балки дараҷа ва хусусияти он, раванди мақсадгузорӣ ва дарки ангезаи роҳҳои фаъолиятро мефаҳмонад.

Ҳар як кӯдак новобаста аз махсусияти ташаккули фардӣ ва дараҷаи омодагӣ, ҳангоми ба синну соли муайян расидан дар мавқее қарор мегирад, ки дар ҳамин ҷамъият қабул шудааст. Бо

ҳамин васила ӯ ба низоми шароитҳои объективӣ ворид мешавад, ки хусусияти ҳаёт ва фаъолияташро дар марҳилаи кунунии синнусолӣ муайян мекунад. Мутобиқ будан ба ин шароитҳо барои кӯдак аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро танҳо бо ҳамин шарт ӯ метавонад худро дар қуллаи мавқеи ишғолнамуда эҳсос намуда, осудаҳол бошад.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба иҷтимоишавии кӯдак мебошад, дар навбати худ яке аз нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии кӯдак сатҳи фаъолнокии иҷтимоии ӯ ба шумор меравад. Айни замон доир ба иҷтимоишавии кӯдак, шароитҳои қонеъ гардонидани шавқу рағбати ӯ ва ошкор сохтани иқтидори эҷодии ӯ миқдори нисбатан зиёди корҳои тадқиқотӣ мавҷуданд. Ҳамзамон мавриди таъкид аст, ки диққати асосии муҳаққиқони муосир ба ташаккули фаъолнокии иҷтимоии наврасон ва мактаббачагони синфҳои болоӣ равона гардида, масъалаи ташаккули фаъолнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ чун дар давраи аввали ворид гардидани кӯдакон ба низоми нави муносибат бо воқеият аз эътибор андаке дур мондааст. Ғайр аз ин нуктае сарфи назар мегардад, ки фаъолияти таълимӣ барои тамоми категорияҳои толибилмон асосӣ ба ҳисоб меравад, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бошад он пешбар аст.

Аз таҳлили дараҷаи фаъолнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавон хулоса кард: ҳар ҳафтум талабаи синфи ибтидоӣ дараҷаи паст ё сифрии ташаккули фаъолнокии иҷтимоӣ дорад: 49,3% дорои дараҷаи миёнаанд. Сабаби чунин ҳолат чист? Пеш аз ҳама, бояд таъкид намоем, ки педагог мақоми нави иҷтимоии кӯдакро, ки аллакай талаба гардидааст, ба эътибор намегирад, ба фаъолнокии ӯ дар шароити нави иҷтимоӣ аҳамияти зарурӣ зоҳир намекунад, ба ворид кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоан муҳим, диққат намедиҳад. Лутфуллозода М. навишта буд, ки: «Кӯдакӣ ҳаракат ба пеш аст, раванди қатънашавандаи калон шудан аст. Кӯдак калонсол будан мехоҳад. Хислат, самтияти ҳаёти рӯзмарраи ӯ доимо ҷидду ҷаҳди ӯро ба калоншавӣ собит менамоянд… Кӯдакӣ… рӯзгузаронӣ ва вақтхушӣ нест. Калонсоле, ки душвор будани ҳаёти кӯдак, гуногунпаҳлӯӣ ва ғановати ҳаёти кӯдакро дарк карда наметавонад, дар тарбияи онҳо метавонад ба хатоӣ роҳ диҳад» [8, с. 234].

Оғози давраи мактабии кӯдак зинаи муҳим дар ташаккули ташкилаҳои иҷтимоан арзишманди шахсиятӣ мебошад, ки дар фаъолияти барои кӯдак асосӣ зоҳир мегардад [7]. Новобаста аз он, ки дар синфҳои ибтидоӣ таълим фаъолияти асосӣ ба ҳисоб меравад, бозӣ низ барои кӯдак мисли пештара аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин ба роҳ мондани фаъолнокии иҷтимоӣ ба воситаи бозӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Якчанд намуди бозиҳо мавҷуданд, ки ба рушди фаъолнокии иҷтмимоии кӯдак равона гардидаанд:** бозиҳое, ки меҳнати калонсолонро таҷассум мекунанд; **б**озиҳои дорои мӯҳтавои меҳанпарастӣ ва интернатсионалистӣ.

Бозиҳои серҳаракати дорои чунин мӯҳтаво ва қоидаҳо, ки на танҳо ба рушди ҷисмонии кӯдак, балки тарбияи ҳиссиёти иҷтимоӣ онҳо мусоидат мекунанд.

Бозиҳо дар мавзуи меҳнат ба ташаккули таасуроти умумӣ доир ба аҳамияти меҳнати дастаҷамъӣ мусоидат мекунанд. Дар бозиҳо ҳисси масъулият барои кори фармуда тарбия гардида, эҳсоси қаноатмандӣ аз натиҷаи кор пайдо мешавад. Иҷрои нақшҳое, ки дар бозӣ меҳнати калонсолонро дар бозиҳо инъикос мекунанд аз кӯдакон фаъолнокии зиёд, амалҳои ҳадафманд ва маҳорати ташкилотчигиро талаб менамояд. Бозии дилхоҳ ҳаёти атрофро инъикос менамояд, аз ин сабаб барои дарки аҳамияти ин ё он намуди меҳнат ба кӯдак кӯмак мерасонад. Бинобар ин ҳангоми роҳбарӣ ба бозӣ омӯзгор бояд диққаташро ба он ҷалб намояд, ки дар бозӣ муносибати байни одамони дар ҳаёти мавҷуда ҳаддалимкон амиқтар инъикос гардад. Вазифаи педагог дар бозӣ истифода бурдани тамоми воситаҳои имконпазир барои ба кӯдак таъсири педагогӣ расонидан мебошад [11, с.36].

Баъзе кӯдакон натанҳо дар рафти фаъолияти меҳнатӣ, балки дар бозӣ низ ноустувории шавқу рағбат зоҳир менамоянд. Онҳо даме як накш, гоҳе нақши дигарро интихоб менамоянд. Дар бозиҳое, ки меҳнати калонсолонро инъикос менамояд, кӯдакони дигар ба ин рафтор баҳои манфӣ медиҳанд. Онҳо изҳор менамоянд, ки набояд сартарош дар вақти дилхоҳаш корро монда ё мағоза равад, ё одамон бо айби чиптафурӯш, ки ба ҷое рафтаасту кори худро ба каси дигар насупоридааст, набояд ба қатора дер монанд. Баробари он нукта, ки моҳияти асосии меҳнат ғамхорӣ дар бораи одамони дигар аст, кӯдакон дар бозӣ ба нақши интихобнамудаашон бо масъулияти бештар муносибат мекунанд. Ин муносибат дар иҷрои бодиққати кор, эрод гирифтан ба нафарони аз ҷои кор рафта ё корро дуруст иҷро накарда зоҳир мегардад. Қоидаҳои нави рафтор дар бозӣ боиси тарбияи қавииродагии кӯдакон мешавад. Ба худ нақши

калонсолро гирифта, хонандаи хурдсол мекӯшад аз ҳама ҷиҳат ба намунаи ибрати худ тақлид намояд. Омӯзгорон ва волидон махсусияти касбҳои гуногунро барои кӯдакон бозгӯй менамоянд, бо тарзи рафтори шахсӣ мефаҳмонад, ки ба кадом намунаи рафтор бояд пайравӣ кард, то ки бозӣ хусусияти ҳаёти ҳақиқиро касб намояд. Кӯдак ба бозии худ чун ба фаъолияти ҷиддӣ муносибат менамояд, бинобар ҳамин таъсире, ки ба воситаи бозӣ расонида мешавад, барои ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти зиёд дорад.

Ҳисси ватандӯстӣ ва интернатсионалистӣ дар синнусоли хурди мактабӣ акнун бедор мегардад, ҳарчанд он ҳанӯз аз лиҳози зуҳурот сода бошад ҳам, дар ташаккули минбаъдаи шахсияти кӯдак муҳим аст. Бозӣ ҳамчунин яке аз воситаҳои муассири тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва интернатсионалистӣ мебошад. Он ба ташаккули муносибати муайян ба тамоми муҳити атроф ва рухдодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Тасаввурот дар бораи ватан, вижагиҳои тарзи зист, меҳнати халқҳои дигар дар бозӣ натанҳо аниқу дақиқ ва таҳким мегардад, балки ғанӣ мешавад, эҷодкорона коркард мешавад ва минбаъд асоси рафтор ва эътиқоди онҳо мегардад. Барои ин мақсадҳо метавон бозии «саёҳат ба кишвари дигар»-ро истифода кард, ки дар ин намуди бозӣ кӯдакон бо хориҷиёт ошно мешаванд. Ҳамчунин иштироки кӯдакон дар чорабиниҳои идонаи миллӣ, ки дар онҳо либосҳои миллӣ истифода мешаванд мувофиқи мақсад мебошад, зеро дар ин гуна чорабиниҳо кӯдакон бо анъана ва урфу одатҳои миллатҳои дигар ошно мешаванд. Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои идона, чун дар рафти ташкили бозӣ метавон унсурҳои тарзи зисти миллиро истифода кард, масалан, ба лӯхтак пӯшонидани либоси миллӣ қобили қабул аст. Чунин ҳиссиёт барои кӯдакон эҳсоси «оилаи ягона»-ро фароҳам меорад. Ба мундариҷаи чунин бозиҳои эҷодӣ афсонаҳои халқӣ, ҳикояҳои эҳсосии педагог дар бораи намояндагони миллатҳои гуногун, шиносоӣ бо ҳунари мусиқии халқ, тамошои диафилмҳо, наворҳо, мукотиба бо ҳамсолони миллатҳои дигар таъсири зиёд мерасонад. Тарбияи ватандӯстона бо роҳи шиносоӣ бо табиат, урфу одат, таърихи халқи худ «гузаштаи қаҳрамонона»-и он сурат мегирад.

Ҳамчунин барои ташаккули фаъолнокии шахсиятӣ бозиҳои варзишии дастаҷамъӣ муҳиманд, ки хусусияти мусобиқавии онҳо иштирокчиёнро ба фаъолнокӣ водор мекунад, боиси ташаккули ҷасорат, мардонагӣ ва матонат мешавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки шиддати мусобиқаҳо набояд сабаби ҷудоӣ байни иштирокчиён гардад. Дар бозиҳои якҷояи серҳаракат ҳар як иштирокчӣ ба бартарияти саъю кӯшишҳои якҷоя ва дастаҷамъонаро барои рафъи монеаҳо ва расидан ба мақсад боварӣ ҳосил мекунад. Ихтиёран қабул кардани маҳдудияти амалҳо, ки онҳоро қоидаҳои бозиҳо муайян кардаанд, дар як вақт рағбати беандоза ба бозӣ иштирокчиёнро боинтизом мегардонад. Ба бозӣ муқобилистии як бозигар ба бозигари дигар, як команда ба командаи дигар хос аст, ки дар рафти бозӣ он дар назди бозигарон вазивaҳои гуногун ба миён меоянд ва онҳо ҳалли фавриро талаб мекунанд. Барои иҷрои ин амал бояд дар муҳлати кӯтоҳтарин вазъияти атрофро арзёбӣ намуда, амали аз ҳама дурустро интихоб ва иҷро кардан лозим аст. Ҳамин тариқ бозиҳои серҳаракат ба хештаншиносии кӯдакон мусоидат мекунад.

Зуҳури фаъолнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ махсусияти худро дорад, ки бо марҳилаи ибтидоии воридшавии кӯдакон ба низоми нави муносибат бо воқеият алоқаманд аст. Солҳои аввали мактабӣ – маҳз даврае мебошанд, ки самтгирии шахсият, шавқ ва майлу рағбати ӯ шакл мегиранд. Асоси муҳимтарини назариявию методологии ҷудо кардани таркиби фаъолнокии иҷтимоии хонандагони синну соли мазкур тасаввурот дар бораи тамоюлҳои арзишманди шахсият мебошад, ки дар ин маврид зери мафҳуми арзишмандӣ механизми равонии ибтидоӣ ва зарурӣ фаҳмида мешавад, ки кӯшиши самтгирии инсонро барои худтадбиқкунии дар ин ё он соҳа таъмин менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Божович, Л.И.Речь и практическая интеллектуальная деятельность ребенка (экспериментально-теоретическое исследование)/Л.И.Божович/Культурно-историческая психология- 2006.-№3 - С.114-119.
2. Вардомацкий, А.П. Ценностная типология личности и воспитательная практика/ А.П.Вардомацкий / Этика и мораль. - М., 1990. - С. 126 - 137.
3. Дубровина, И.В. Психологические аспекты формирования ценностных ориентаций и интересов учащихся/ И.В.Дубровина,Б.С. Круглов / Ценностные ориентации и интересы школьников/ Отв. ред. Т.Н. Мальковская. — М., 1983. — С. 27 — 35.
4. Запорожец, А.В. Психология действия: Избр. психологические труды/А.В.Запорожец-М.:

Просвещение. Воронеж, 2000.-716 с.
5. Кан-Калик,В.А.Педагогическое мастерство/В.А.Кан-Калик,Н.Д.Никандров.—М.: Педагогика, 1980. — 179 с.
6. Кирилова, Н.А. Ценностные ориентации в структуре интегральной индивидуальности старших школьников /Н.А.Кирилова/ Вопросы психологии. - 2000. - № 4.- с. 28 - 33.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" Душанбе: "Шарқи озод"-(22.07.2013,№1004)
8. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / Лутфуллоев М.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010-432 с.
9. Ниёзов, Ф.Модули 1.Низомномаи таълими салоҳиятнокӣ(Дастур барои омӯзгор)./Ф.Ниёзов, М.Зиёев.- Душанбе,2016- 36 с.
10. Рогов, Е.И. Настольная книга практического психолога в образовании/Е.И.Рогов.- М.: Владос, 1995.-528 с.
11. Шарифзода, Ф. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир/Ф.Шарифзода.-Душанбе:Ирфон, 2016.- 63с.

**REFERENCES:**

1. Bozhovich L.I. Speech and Practical Intellectual Activity of a Child (experimental and theoretical research) /L.I. Bozhovich // Cultural-Historical Psychology, 2006. - No.3. – P. 114 – 119.
2. Vardomatsky A.P. Valuable Typology of Personality and Educational Practice/ A.P. Vardomatsky / Ethics and Morality. - M., 1990. - P. 126 - 137.
3. Dubrovina I.V., Kruglov B.S. Psychological Aspects of the Formation of Value Orientations and Interests of Students / I.V. Dubrovina, B.S. Kruglov. / Value Orientations and Interests of Schoolchildren / editor-in-charge: T.N. Malkovskaya. - M., 1983. - P. 27 - 35.
4. Zaporozhets A.V. Psychology of Action: Selected Psychological Compositions/A.V. Zaporozhets. - M.: Enlightenment. - Voronezh, 2000.
5. Kan-Kalik V.A., Nikandrov N.D. Pedagogical Excellence/ V.A. Kan-Kalik. - M.: Pedagogika, 1980. - 179 p.
6. Kirilova N.A. Value Orientations in the Structure of Integral Individuality of Senior Schoolchildren/ N.A. Kirilova / Issues of Psychology. - 2000. - No. 4. - P. 28 - 33.
7. Tajikistan Republic Law "On Education" - Dushanbe: Free Orient, (22.07.2013, No. 1004).
8. Lutfulloev, M. Didacticai Muosir/M.Lutfulloev.-Dushanbe:Education and Culture, 2010. - 432 p.
9. Niyozov F. Modules 1. Instruction of Competence Tuition (manual for teacher) / F. Niyozov, M. Ziyoev. - Dushanbe, 2016. - 36 p.
10. Rogov, Ye.I. Handbook of a Practical Psychologist in Education/Ye.I.Rogov.-M.:Vlados,1995.-528 p.
11. Sharifzoda, F. Actual Issues Beset with Exploration of Modern Pedagogy/ F.Sharifzoda. – Dushanbe: Cognition, - 2016. - 63 p